Такриз

ба автореферати диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Таркиби лугавии забон хамчун як кисми системаи нутк ба хар як тағйироти иҷтимоӣ сари вакт аксуламал нишон медихад, ҳаёти моддию мадании халқро инъикос мекунад ва хамеша ба воқеият рӯ меоварад. Лексика чизи шахшудаву тағйирнопазир нест, вай мисли организми зинда аз як шоха ба шохаи дигар, аз як сатҳ ба сатҳи дигар, аз як давраи инкишоф ба давраи дигар мунтазам ҳаракат мекунад. Омӯзиши воҳидҳои лексикии минтақаи мушаххас низ ҳамин гуна муҳим аст, зеро он ҳамчун манбаи рушд ва ғанӣ гардонидани забони меъёриву адабӣ хизмат мекунад.

Дар баробари дигар сохахои мухимми таҳқиқоти интегратсионӣ омӯзиши луғатхои минтақаҳо имкон медиҳад, ки таркиби лексикии забони тоҷикӣ инкишоф ёбаду васеъ гардад. Таҳлил ва татбиқи луғавии гӯйишҳои забони тоҷикӣ аз он сабаб низ муҳим ва зарур аст, ки онҳо дар соҳаҳои таъриху ҷомеашиносӣ, антропология ва этнография, хоҷагиву иқтисодӣ, фарҳанг ва дин ва дигар бахшҳои ҷомеа маҷмӯи иттилооти фаровон пешниҳод мекунанд.

Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки дар забоншиносии тоҷик диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич таҳти унвони «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иқдоми муҳим буда, аз ҷумлаи корҳои арзишманди илмӣ дар ин самти забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Шодиев Р.А. аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Боби якуми диссертатсия, ки аз шаш фасл иборат аст, «Масъалаҳои назарӣ ва амалии этнолингвистика» ном дорад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои этнолингвистика ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ, вазъи забонӣ ҳамчун объекти этнолингвистика, этнолингвистика ва ҳимояи забонҳо, этнолингвистика ва регионолект, этногенез ва таърихи этникиро дар заминаи муносибати интиқодӣ ва баҳсҳои илмӣ бо намояндагон дигар мактабҳои илмии забоншиносӣ баррасӣ кардааст ва мулоҳизаҳои хешро баён намудааст.

Яке аз масъалаҳои ҷолибе, ки дар ин боб баён гардидааст, масъалаи муносибати этнолингвистика ва регионолект дар робита бо гӯйишҳои минтақавӣ мебошад. Дар раванди баррасии яке аз истилоҳоти нисбатан нави забоншиносӣ дар мисоли *регионолект* (дар қиёси *диалект*) муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва аз байн рафтани фарқиятҳои миллӣ ва минтақавӣ таҳқиқоти минтақавии забон, пеш аз ҳама овошиносӣ, вожагону фразеология, дастур ва ғайра мавқеи хос пайдо мекунад. Диссертант таълифоти марбут ба регионолектро, ки ба

қалами олимон В.И. Трубинский, Е. Оглезнева, Л. Грузберг, В. Хорошева, А.С.Герд тафсиру тавзеҳ намуда, тафовути регионлектро аз дигар дигар воҳидҳои ин самт дар чандин банд муайян кардааст.

Дар боби дувуми диссертатсия бо номи «Пажуҳиши минтақаи Кӯлоб аз нигоҳи забоншиносии таърихӣ» масъалаҳои Кӯлоб ва вазъи таърихию забонии он дар давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ; вазъи таърихӣ, ҷуғрофӣ ва этнолингвистии минтақаи Кӯлоб дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ ва минтақаи Кӯлоб дар давраи нави рушди забонҳои эронӣ мавриди таҳлили муфассалу мудаллали илмӣ қарор гирифтааст.

Дар ин боб диссертант ба сифати сарчашмаи муъҳамади маълумотҳои ҷуғрофӣ ва таърихиву этникӣ барои равшан сохтани сохтору пайдоишу маънии ҷойвожагоне ба монанди Бохтар, Балх, Хатлон ва ғ. китоби "Авасто", Зардушт ва таълимоти дини зардуштӣ ва хусусиятҳои лексикиву дастурии забони авестоиро интихоб кардааст.

Ҳамин гуна руҷуъҳои илмиву этимологӣ дар мавриди забони бохтарии миёна дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ барои фароҳам овардани заминаи мулоҳизаҳо роҷеъ ба лаҳҷаву гӯйишҳои Хатлон чун як бахши муҳимми забони бохтарӣ ё тахорӣ истифода шудааст ва доираи густаришу амалкарди он (забони бохтарии миёна) дар ин замина манотиқи имрӯзаи шимолу маркази Афғонистон, ҷанубу маркази Тоҷикистон ва ҷануби Ӯзбекистон муайян гардидааст.

Мулоҳизаҳои диссертант роҷеъ ба он, ки "дар остонаи ҳамлаи араб забони бохтарии Тахористон, ки гӯйишҳои хатлонӣ ба он ворид буданд, оҳиста-оҳиста шакли худро дигар карда, ба гӯйишҳои забони дарӣ–тоҷикӣ омезиш ёфт, ки асоси забони тоҷикии давраи оғозинро ташкил доданд" (автореф., с.20), хеле ҷасурона буда, чун тезиси муҳиме барои таҳқиқоти минбаъдаи таърихи забони тоҷикӣ хизмат карда метавонад, хусусан, дар мавриди марҳалаи гузариши он аз давраи миёна ба давраи нав.

Диссертант боби сеюми пажӯҳиши худро «Номҳои ҷуғрофии таърихӣ ва бархе аз масоили забонии минтақаи Кӯлоб» унвон карда, дар он масоили муҳимеро аз қабили номвожаҳои минтақаи Кӯлоб дар сарчашмаҳои арабӣ, сарчашмаҳои чинӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии Кӯлоб, гунаҳои таърихии номҳои ҷуғрофӣ, табдили таърихии номҳои ҷуғрофӣ, номҳои кунунии ҷуғрофии таърихӣ муфассал ва бо далелҳои боварибахш баррасӣ кардааст. Дар ин боб маълумоти ҷолибу муҳиме дар бораи номвожаҳои марбути минтақаи пажӯҳиш аз қабили *Сурхоб, Қизилсу, Сиё(ҳ)ов, Қарасу, Kasāfrōd, Балх, Хуттал, Тахористон, Бадахшон, Бомиён, Самангон, Бағлон, Сакалканд, Варволиз, Орхан, Рован, Тонкон, Искимишт, Раво (Парвон), Хуст, Андароб, Андароба, Мадр, Шикинон (Шуғнон), Вахон, Аҳорун, Ниҳом, Сағониён (Деҳнав), Тирмиз, Босоро, Вашгирд, Фархор, Кӯлоб, Данғара, Калот, Лангар, Лағмон* ва вожаҳои дигар пешниҳод ва баррасӣ гардидааст.

Боби чоруми диссертатсия "Таҳқиқи таърихӣ ва забоншиносии вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб" ба таҳлилу пажуҳиши

ҳамзамонии (синхронии) гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб ва таҳқиқи мавзуӣ ва вожагонии вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст.

Боби панҷуми диссертатсия «Таҳлили этнолингвистии фолклори Кӯлоб» ба робитаи этнолингвистика бо фолклор, зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб ва вижагиҳои этнолингвистии фолклори Кӯлоб бахшида шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсия бори нахуст оид ба вазъи забонии минтақаи Кӯлоб дар се давраи таърихии рушди забони тоҷикӣ, дигаргуниҳои таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа, гурӯҳҳои мавзуӣ ва қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб пажӯҳиш анҷом дода шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик бори нахуст хусусиятҳои хоси гӯйишҳои минтақавиро аз нуқтаи назари этнолингвистӣ муайян намуда, барои рушди бахши назариявии лингвистикаи муосир мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаву натиҷаҳои он метавонад дар таҳияи васоити таълим ва курси маърузаҳо аз фанҳои лексикология, топонимика, диалектология, таърихи забон, тартиб додани феҳрасти номвожаҳо, фарҳангҳои дузабона мавриди истифода қарор бигирад.

Муҳтавои асосии маводи диссертатсия ва хулосаву натиҷагирӣ аз онҳо дар 1 монография, 32 мақолаи илмӣ, ки аз он 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, дарҷ гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада дар 28 банд ҷамъбаст шуда, дастовардҳо, натиҷаву арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти мазкур зикр ёфтааст. Дар баробари ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқ барои истифодаи амалии онҳо низ тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Манти русии автореферат бо матни тоҷикии он мувофиқат мекунад.

Дисссертатсия дар асоси методҳои маъмули таҳқиқи забоншиносӣ – таҳлили сохторию семантикӣ, синхронию диахронӣ, муқоисавию таърихӣ, усулҳои муассири консептуалӣ, гурӯҳбандии мавзуиву вожагонии калимаҳои хоси гӯйиш ва усули оморӣ таълиф гардидааст.

Ҳамзамон чанд пешниҳоде ба хотири боз ҳам болотар бурдани сатҳи илмии пажуҳиш пешниҳод менамоем:

1. Диссертант дар саҳифаҳои фишурдаи рисола доир ба гӯйишҳои хатлонии забони бохтарии миёна ва оҳиста-оҳиста шакли худро дигар карда, ба гӯйишҳои забони дарӣ–тоҷикӣ омезиш ёфта, асоси забони тоҷикии давраи оғозинро ташкил додани он (автореф., с.20, 21) андешаҳои ҷолибе баён кардааст, ки шоистаи таҳсин аст. Вале бояд таъкид кард, ки ин масъала пажӯҳиши густурда ва ҳамаҷонибаро тақозо мекунад ва бояд дар ҳамбастагии таъсири забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва нақши муштараки онҳо дар ташаккули забони тоҷикӣ-дарӣ-форсӣ омӯхта шавад.

2. Дар фишурдаи диссертатсия чанд дафъа ба навиштаҳои ҷуғрофиёдонони Чин, аз он ҷумла, Сюан Сзян дар бораи Тахористон истинод оварда шудааст (саҳ. 18, 24), вале ин истинодҳо тавассути таълифоти муҳаққиқони дигар сурат гирифтааст. Муроҷиати мустақим ба ин сарчашмаҳо арзиши ин истиноду маълумотро боз ҳам бештар месохт.

Мулоҳизаҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд.

Дар заминаи баррасии аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳо ва арзиши илмии диссертатсия бо боварӣ метавон хулоса кард, ки диссертатсияи **Шодиев Рустамхон Азизуллоевич** дар мавзуи **«Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ)»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илми филология,
профессори Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Қосимов О. Ҳ.**

тел.: 93 769 33 33; 907 76 44 21;
E-mail: olimjon@yandex.ru

"Тасдиқ мекунам": Сардори шуъбаи
кадрҳои ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Юсуфова Б.

Суроғa: 734019, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6;
Сана: 10.01.2023